«Тасдиқ менамоям»
Ректори Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон,
н.и.п., дотсент
__________ Сатторзода Б. А.
«_28_» ________ соли 2026

# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Муҳаммадзода Ҷомӣ Абдураҳмон дар мавзуи «Рушди механизми ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об (дар заминаи маводҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ) », ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт ( 5.2.21 –Иқтисодиёти ҷаҳонӣ) пешниҳод гардидааст.**

1. **Мутобтиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ва соҳаи илми эълоншуда**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2–Иқтисодиёт (5.2.21– Иқтисодиёти ҷаҳонӣ), аз ҷумла, бандҳои: 1. Хоҷагии умумиҷаҳонӣ, сохтори он, қонуниятҳо ва тамоюлҳои муосири рушди он; 2. Назарияҳои рушди хоҷагии ҷаҳонӣ ва муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ. Таҳлил ва арзёбии консепсияҳои муосир; 4. Байналмилалишавии ҳаёти хоҷагидорӣ. Ҷаҳонишавии фаъолияти иқтисодӣ, омилҳо, марҳилаҳо, самтҳо ва шаклҳои он. Баҳамтаъсиррасонии ҳамгироии минтақавӣ ва ҷаҳонишавии иқтисодӣ; 5. Равандҳои ҳамгироӣ дар минтақаҳои рушдёфта ва рушдёбандаи ҷаҳон, қонуниятҳои инкишофи ин равандҳо, арзёбии дурнамои ҳамгироиҳои блокҳо ва иттиҳодияҳои гуногуни тиҷоративу иқтисодӣ; 7. Баҳамвобастагии байналмилалии иқтисодӣ. Таъмини инкишофи устувори иқтисодиёти миллӣ ва ҷаҳонӣ. Стратегияҳои миллии инкишофи иқтисодӣ. 21. Инкишофи пойгоҳи захиравии хоҷагии ҷаҳонӣ. Ҷанбаҳои иқтисодии проблемаҳои ҷаҳонӣ-экологӣ, хӯрокворӣ, энергетикӣ. Оқибатҳои равандҳои ҷаҳонӣ барои хоҷагии ҷаҳонӣ, роҳҳо ва механизмҳои ҳалли онҳо. 25. Иқтисоди миллии кишварҳои алоҳида дар низоми робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ: проблемаҳои муносибгардонии ҳамкорӣ ва таъмини манфиатҳои миллии иқтисодӣ. Мухолифатҳои байналмилалии иқтисодӣ, сабабҳо ва методҳои ҳалли онҳо. 28. Роҳҳо ва шаклҳои ҳамгироии Тоҷикистон ба низоми робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ. Вижагиҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар сатҳи

корхонаҳо, соҳаҳо ва минтақаҳо мувофиқат мекунад,

**2. Мубрамӣ ва зарурияти баргузории таҳқиқот**

Дар шароити ҷаҳонишавӣ масъалаи идоракунии устувори захираҳои об аҳаммияти стратегӣ пайдо намудааст. Бухрони афзояндаи норасоии оби тоза, шиддат гирифтани мушкилоти истифода ва ҳифзи он, инчунин, таъсири омилҳои демографӣ ва экологӣ зарурати таҳким бахшидани ҳамкориҳои минтақавӣ ва байналмилалиро дар ин самт ба миён меорад. Бинобар ин, ҷомеаи ҷаҳонӣ кайҳо боз хусусияти фаромиллӣ ва глобалии ин мушкилотро эътироф намуда, талош дорад механизмҳои самараноки идоракунии захираҳои обро ташаккул диҳад.

Мубрам будани мавзуи таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар шароити муосир масъалаи истифодаи оқилона ва ҳифзи захираҳои об ба яке аз самтҳои муҳимми сиёсати иқтисодӣ ва экологӣ табдил ёфтааст. Бухрони ҷаҳонии об, таъсири тағйирёбии иқлим ва афзоиши талабот ба оби тоза зарурати таҳқиқи амиқи механизмҳои идоракунии устувори захираҳои об ва такмили ҳамкориҳои минтақавию байналмилалиро ба миён меорад.

Ба андешаи муаллиф дар шароити муосир, ба роҳ мондани раванди идоракунии босуботи он дар минтақаи Осиёи Марказӣ на танҳо бо мақсади рушди ҳамкориҳои судманди иқтисодӣ, балки ҷиҳати густариши ҳамкории соҳаи муҳити зист дар минтақа ва берун аз он низ аҳаммияти хоси худро дорад.

Бо вуҷуди мавҷудияти имкониятҳои воқеӣ барои рушди механизми ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об дар ҶТ, идоракунии самараноки он бо як қатор мушкилоти мураккаби ташкилӣ, ҳуқуқӣ, институтсионалӣ ва иқтисодӣ рӯ ба рӯ мебошад. Аз ҷумла, номукаммалии механизми идоракунӣ, набудани воситаҳои муассири арзёбӣ ва мониторинг, паст будани сатҳи рушди механизми ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об монеаи рушди самараноки хизматрасониҳои экологӣ мегарданд.

Дар ин замина, дар сатҳи рисолаи диссертатсионӣ гузаронидани таҳқиқи назариявию методологии рушди механизми ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об, арзёбии вазъи амалии онҳо дар Тоҷикистон, омӯзиши таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ барои такмили механизмҳои идоракунӣ дорои аҳаммияти илмию амалӣ ва амалию стратегӣ мебошад.

**3. Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**

Ҳамаи давраҳои иҷрои нақшаи кории илмӣ, аз ҷумла интихоби мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он бевосита аз ҷониби муаллиф анҷом дода шудааст. Муаллиф доир ба такмили

рушди механизми ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об ва роҳҳои ташкилию мукаммалсозии равандҳои истифодабарии захираҳои обӣ тавсияҳои методӣ пешниҳод намудааст.

**4. Навгонии илмии натиҷаҳо ва хулосаву пешниҳодҳои диссератсия**

Навоварии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асосноккунии назариявӣ ва амалии самтҳои асосии такмили механизми ҳамкории минтақавии бахши об дар шароити Осиёи Марказӣ мебошад. Натиҷаҳои муҳимтарини таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки унсурҳои нави илмӣ доранд, инҳоянд:

1. Муаллиф ҷанбаҳои назариявии ташаккул ва рушди механизмҳои ҳамкории байнидавлатии соҳаи об бо дарназардошти татбиқи консепсияи истифодаи устувори об, бо мақсади комёбӣ ба ҳадафҳои мушаххасоти рушди устувори иқтисодиёти минтақавӣ, ва нигоҳдории экосистемаҳои обӣ дар минтақа баррасӣ намудааст. Инчунин, арзёбии захираҳои об дар сохтори иқтидори рушди иқтисодии минтақа, мазмуни иқтисодии захираҳои об ва нақши бунёдии онҳо дар рушди ҳамкориҳои иқтисодии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ муайян карда шудаанд.

2. Дар заминаи таъсиси институти муосири ҳамкориҳои минтақавӣ дар соҳаи об ва идоракунии ҳамгирошудаи манбаъҳо ва захираҳои об принсипҳо ва шартҳои асосии амиқсозии ҳамкориҳои байнидавлатӣ муайян гардида, таърифи муаллиф оид ба мафҳуми «истифодаи оқилонаи захираҳои оби минтақа» пешниҳод карда шудааст.

3. Дурнамои ҳамкорӣ байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ҷиҳати истифодаи захираҳои оби минтақа пешбинӣ карда шуда, зарурати гузариши тадриҷан ба ташаккули низоми энергетикии об дар минтақаи Осиёи Марказӣ, бо дарназардошти манфиатҳои мамлакатҳои минтақа бо омилҳои иқтисодию табиӣ ва таъмини рушди мутаносиби иқтисодию экологии ташаккул ва рушди минтақа таъсис ёфтааст, асоснок гардонида шудаанд.

4. Асосҳои консептуалии баланд бардоштани ҳамкорӣ дар самти идоракунии маҷмуии захираҳои об дар мамлакатҳои минтақа, инчунин, модели иқтисодии ҳамкориҳои минтақавӣ дар соҳаи об бо дарназардошти принсипҳои идоракунии баҳамгироии захираҳои об ҷиҳати масъалаҳои мусоидат ба ҳамоҳангсозӣ ва пайвастагӣ дар банақшагирӣ, танзим ва истифодаи захираҳои об аз ҷониби кишварҳои минтақа таҳия ва коркард карда шудаанд. Тавсияҳои методӣ ва амалӣ оид ба дурнамо ва асосноккунонии роҳҳои такмили механизми идоракунӣ дар низоми ҳамкории минтақавии соҳаи об аз тарафи муаллиф таҳия ва пешниҳод гардидааст.

**5. Аҳаммияти илмӣ ва амалии таҳқиқот.** Дар таҳияи асосҳои назариявии коркарди низоми донишҳои мавҷуда оид ба масъалаҳои

такмили механизми идоракунӣ дар низоми ҳамкории минтақавии соҳаи об ифода меёбад. Инчунин, натиҷаҳои таҳлил ба пайдоиши тасаввурот оид ба идоракунии захираҳои обӣ дар низоми иқтисодии ҶТ ва ҳамкориҳои судманди минтақавӣ мусоидат намуда, барои таҳқиқоти баъдӣ дар ин соҳа замина мегузоранд.

**Аҳаммияти амалии натиҷаҳо** дар он аст, ки: татбиқи натиҷаҳои кори диссертатсионӣ метавонад барои ташаккули стратегияи самарабахш оид ба баланд бардоштани самаранокии идоракунии захираҳои обӣ ва идоракунии ҳамгирошудаи манбаъҳо ва захираҳои об принсипҳо ва шартҳои асосии амиқсозии ҳамкориҳои байнидавлатӣ бо низоми иқтисодии ҷаҳонӣ мусоидат намояд. Инчунин, тавсияҳо ва пешниҳодҳои кор идоракунии ҳамгирошудаи манбаъҳо ва захираҳои об ва шартҳои асосии амиқсозии ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар ҷараёни ташаккули механизмҳои идоракунии захираҳои обӣ дар низоми иқтисодиёти минтақавӣ, ҳамзамон дар коркарди барномаҳои бахши муҳити зист истифода хоҳанд шуд. Маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад дар ҷараёни таълими фанҳои "Иқтисодиёти минтақа", "Сармоягузории хориҷӣ", "Иқтисоди ҷаҳон" ва ғайра истифода шавад.

**6. Дараҷаи асоснокӣ ва саҳеҳии муқаррароти илмӣ ва хулосаву пешниҳодот**

Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия омада ва сатҳи илмии онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки зимни таҳқиқот асарҳои бунёдии олимони иқтисоддони ватанию хориҷӣ дар самти арзёбии захираҳои об дар сохтори иқтидори рушди иқтисодии минтақа, мазмуни иқтисодии захираҳои об ва нақши бунёдии онҳо дар рушди ҳамкориҳои иқтисодии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ истифода хоҳад шуд. Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои иқтисодии таҳлил ба таври васеъ истифода гардида, хулосаву пешниҳодҳо дар заминаи ҷамъоварии мавод, сохторбандӣ ва коркарди захираҳои иттилоотии дақиқ бо истифодаи воситаҳои технологияҳои иттилоотии муосир ба даст омадаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро тасдиқ менамоянд.

**7. Арзёбии мундариҷаи диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он**

**Дар муқаддима** муҳиммият, дараҷаи коркард, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети тадқиқот, асосҳои назариявӣ, методологию иттилоотӣ ва навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шудааст. (саҳ. 3-17).

**Дар боби аввал - «Асосҳои назариявии таҳлили масъалаҳои ташаккул ва рушди механизмҳои ҳамкории минтақавии соҳаи об дар Осиёи Марказӣ»** - масъалаҳои захираҳои об дар сохтори иқтидори рушди иқтисодиёти минтақавӣ, принсипҳо ва заминаҳои асосии ҳамкории минтақавии соҳаи об дар минтақаҳои Осиёи Марказӣ, инчунин, хусусиятҳо ва тамоюлҳои ташаккули стратегияи миллии об ва дурнамои ҳамкориҳои минтақавӣ дар соҳаи об баррасӣ гардидаанд (саҳ. 17-66).

Дар диссертатсия аз ҷониби муаллиф қайд гардидааст, ки Об на танҳо ҷузъи муҳимми муҳити зист, балки яке аз манбаъҳои иқтисодиёт буда, хусусиятҳои норасоӣ, барқароршавӣ ва осебпазирӣ дорад. Дар соҳаҳои назарраси иқтисодиёт об ҳамчун қисми ҷудонашавандаи раванди истеҳсолот ба шумор меравад. Захираҳои об бошад, ҳамчун қисми таркибии бойигарии миллӣ ба моликияти ҷудонашавандаи давлатӣ ворид мешавад. (саҳ.17).

Муаллиф ба он ақидаест, ки бо дарназардошти ба даст овардани муваффақият бояд об дар нуқтаи таъминот захираи ройгони таъмини номаҳдуд бо арзиши сифрӣ ҳисобида нашавад, ки дар он истифодабарандагони об бояд танҳо як қисми хароҷоти интиқол, истихроҷ, партов ва коркарди онро пардохт намоянду халос, балки бояд хароҷоти берунии об, масалан, нигоҳ доштани сифати об дар обанборҳо низ ба инобат гирифта шавад. (саҳ.47-48).

Дар диссертатсия зикр шудааст, ки бо мақсади беҳбудии муносибатҳои устувор ва мутақобилан судманди обӣ байни кишварҳои минтақа, бо дарназардошти таҷрибаи мусбати байналмилалӣ ва бадастоварии натиҷаҳои самаранок коркарди масъалаҳои таҷдиди афкори ҷомеаи минтақавӣ ба он самт лозим аст, то ки онҳо муайян созанд, ки маҷмааи обанборҳои мавҷуда, сохташаванда ва ба нақша гирифташуда дар кишварҳои кӯҳистонии минтақа на ба бадтар намудани реҷаи таъминоти обӣ дар кишварҳои поёноб нигаронида шудааст, балки, баръакс, ба кафолати ҳифзи реҷаҳои мавҷуда таъсири мусбат мерасонад. (саҳ 63).

**Дар боби дуюм – «Вазъи кунунии истифодаи об ва ҳамкории минтақавии соҳаи об дар Осиёи Марказӣ»,** вазъи муосири истифодаи об дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, мушкилот ва сабабҳои нуқсони самаранокии ҳамкориҳои соҳаи об дар минтақаи Осиёи Марказӣ, инчунин, нақши ҳамкориҳои минтақавии соҳаи об ва фаъолсозии механизми корпоративии баландкунонии самаранокии истифодаи захираҳои об дар минтақа мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст (саҳ.66-117).

Муаллиф воқеъбинона зикр менамояд, ки Осиёи Марказӣ дар минтақаи иқлими континменталӣ ҷойгир буда, дар тобистон боришоти кам ва радиатсияи офтобӣ зиёд аст, ки ин рушди мушаххаси кишоварзӣ ва умуман, иқтисодиётро муайян мекунад. Майдони умумии заминҳои барои обёрӣ мувофиқ наздики понздаҳ миллион гектарро ташкил намудааст, ки аз инҳо дувоздаҳ миллион гектараш барои соҳаи пахтакорӣ мувофиқат менамояд. Наздик ба 6 миллион гектари ин заминҳо дар ҳавзаи Сирдарё ва 9 миллион гектари дигар дар ҳавзаи Амударё воқеъ гардидаанд. Тараққиёти минбаъдаи зироаткории обӣ дар ҳавзаҳои ин дарёҳо танҳо дар сурати дуруст ба роҳ мондани ҷараёни дарозмуддати мавсимӣ ва компенсатсионӣ бо роҳи сохтани комплексҳои азими электрикии обӣ ва обёрии мошинаҳои электрикӣ имконпазир аст. (саҳ 66).

Дар диссертатсия зикр шудааст, ки масъалаҳои стратегияи рушди кишоварзии обӣ дар шароити афзояндаи норасоии оби обёришаванда дар минтақаи Осиёи Марказӣ аҳаммияти хосса пайдо намудааст. Масалан, оид ба таъмин намудании қариб 90 фоизи маҳсулоти умумии соҳаи кишоварзӣ заминҳои обёришавандаи минтақа мусоидат менамоянд. Аз ин лиҳоз, таъмини рушди босуботи соҳаи кишоварзии минтақа бидуни ҳалли мушкилоти об имконнопазир аст. Таъмини нокифояи об аз маҳдудияти захираҳои обӣ ва харҷи зиёди об барои нигоҳ доштани реҷаи мавҷудаи мелиоративӣ, инчунин, талафоте, ки дар натиҷаи полоиш ва партовҳои рӯйизаминӣ аз турҳои обёрӣ ба амал меояд, вобаста аст (саҳ.92-93).

Нуктаи назари муаллиф боиси қайд аст, ки фаъолсозии механизми корпоративии ҳамкориҳои минтақвии обӣ ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои об дар минтақа, бахусус, барои ҳавзаҳои обии фаромарзӣ муҳим мебошад. Ин раванд, пеш аз ҳама, ҳамкории байни давлатҳо, бахши хусусӣ ва ташкилотҳои саноатиро тақозо менамояд. Инчунин, баланд бардоштани самранокии истифодаи об, ҷузъи ҷудонашавандаи фаъолсозии механизмҳои корпоративии ҳамкориҳои минтақавии ба шумор рафта,он бояд ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи минтақавӣ татбиқ шавад (саҳ.102).

Дар боби сеюм – «Самтҳои асосии такмили механизмҳои ҳамкории минтақавии соҳаи об дар минтақаҳои Осиёи Марказӣ», оид ба такмили заминаҳои консептуалии механизмҳои ташаккули ҳамкориҳои соҳаи об ва идоракунӣ дар низоми ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об, инчунин, ҷиҳати таъсиси сохтор ва механизми мувофиқи институтсионалии ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об пешниҳодҳо таҳия гардидаанд. (саҳ.117-144).

Муҳаққиқ қайд менамояд, ки дар шароити афзоиши мушкилоти об дар минтақаи Осиёи Марказӣ заминаи консептуалӣ, вазифаҳо, принсипҳо ва механизмҳои идоракунии захираҳои об ба таври назаррас тағйир меёбад. Дар шароити муосир парадигмаи нави об дар доираи ҳамкориҳои минтақавии об танзими бозори захираҳои обро дар бар мегирад, ки «идоракунии захираҳо" ва «идоракунии талабот" ба обро дар асоси сарфа ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи об муттаҳид мекунад. Афзалиятҳои истифодаи захираҳои об ба манфиати ҷомеа ва муҳити зист нигаронида шуда, ҷанбаҳои экологии идоракунӣ тавассути қонеъ гардонидани талаботи экосистемаҳои об ва пешгирии таъсири зараровари об амалӣ карда мешаванд. (саҳ.117).

Ҳамчунин, зикр гардидааст, ки дар айни замон, низоми муқарраршудаи идораи автономии давлатии иқтисодиёти обӣ, ки ба тақсимоти маъмурию ҳудудии субйектҳо асос ёфтааст, ба мазмуни низоми минтақавии хоҷагӣ дар соҳаи об ҳамчун объекти таркибии идоракунӣ мувофиқат карда наметавонад. Имрӯз ҳар як субъекти минтақа манофеъ ва мақсадҳои идоракунии худро амалӣ менамояд, ки ин дар паст будани самаранокии унсурҳои он ифода меёбад. Аз ин рӯ, бар ин назар аст, ки мушкили асосии захираҳои об дар як кишвар нест ва масъала на дар миқдораш, балки дар идораи захираҳои бузурги обии минтақа мебошад. Аз ин рӯ, такмили механизмҳои ҳамкорӣ дар соҳаи об ҳамзамон ҳамчун механизми такмили идоракунии захираҳои обии минтақавӣ амал мекунад. (саҳ.132-133).

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки ба пайдоиши низоъҳои фаромарзӣ, мушкилоти ҷиддии истифодаи захираҳои об роҳ надодан, инчунин, ба роҳ мондани тартибот дар тақсимоти об, маҳдудкунии об ва баҳисобгирии рушди инфрасохтори обию энергетикии худ ба мақсад мувофиқ аст. Ин тадбирҳо вобастагиро аз сиёсати об ва мавқеи давлатҳои дарёи боло ва миёна коҳиш дода, инчунин, захираи обии заминҳои обёришавандаро зиёд мекунанд. (саҳ,157).

Дар хулоса натиҷаҳои тадқиқот ва як қатор пешниҳодҳо оид ба такмили механизмҳои ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об ва рушди он манзур гардонида шудааст. (саҳ. 160-166).

Хулоса ва натиҷаҳои рисолаи илмии мазкур барои истифода ба Раёсати рушди соҳаҳои саноат ва инфрасохтори Сарраёсати рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёти Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади такмили механизмҳои танзими муносибатҳои байнидавлатии об дар минтақаи Осиёи Марказӣ (санади татбиқ аз

05.09.2025), ва дар раванди дарсгузорӣ дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (натиҷаҳои таҳқиқот аз 11.09.2025) пешниҳод гардидааст.

**8. Эроду тавсияҳо доир ба диссератсия**

1. Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда бар пояи навгонии таҳқиқот таҳия шудаанд, аммо мувофиқ мебуд, ки онҳо бидуни истифодаи ибораҳои «муайян гардидааст», «ошкор карда шудааст» ва дигар калимаҳои ҳаммазмун ба тартиб дароварда мешуданд.

2. Дар маҷмӯъ, таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои шиносномаи ихтисос мутобиқат дорад, вале дар он баъзе бандҳои иловагии шиносномаи ихтисоси илмӣ низ зикр гардидаанд.

3. Дар параграфи 1.1 ба масъалаҳои назариявии ташаккули механизми ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об дар заминаи кишварҳои Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳи нокифоя зоҳир шудааст.

4. Дар тадқиқот ҷадвалу расмҳои қолиб таҳрезӣ шудааст, аммо шарҳу тавзеҳи онҳо ба таври зарурӣ ба чашм намерасанд.

5. Параграфи 2.3. Фаъолсозии механизми корпоративии баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои об дар доираи ҳамкории минтақавии соҳаи об номгузорӣ гардидааст, вале дар ин зербоб фаъол гардондани нақш ва иштироки ширкатҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳои иқтисодӣ дар доираи ҳамкории байни давлатҳои минтақа ба назар намерасад.

6. Агар пешгӯии баъзе нишондиҳандаҳои оморӣ дар боби сеюми диссертатсия ҷой дода мешуд, ин ба амиқтар шудани таҳлили илмӣ ва боло рафтани арзиши амалии таҳқиқот мусоидат менамуд.

7. Агар дар диссертатсия нишондиҳандаҳои дигари муҳим ба мисли ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ ба лоиҳаҳои обӣ, талафоти об дар низоми обёрӣ, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ вобаста ба обёрӣ ва хароҷоти истифода ва нигоҳдории инфрасохтори об дида мешуд, сатҳи илмии тадқиқот боз ҳам баландтар мешуд.

Бояд қайд намуд, ки нуқсону камбудиҳои ҷойдошта тавсиявӣ мебошанд ва ба мазмуну мундарича, натиҷаи назариявӣ, методологию амалии диссертатсия таъсир намерасонад.

**9. Тасдиқи инъикоси натиҷаҳои кори диссератсионӣ дар нашрияҳои илмӣ**

Дар асоси маводди диссертатсия 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд.

Сохтори диссертатсия дар асоси мақсаду вазифаҳои дар он гузошташуда муайян карда шудааст. Диссертатсия аз муқаддима, се боби

матни асосӣ, хулоса, феҳристи адабиёт иборат аст. Мазмуни асосии кор дар 186 саҳифаи чопи компютерӣ баён гардида, 15 ҷадвал, 20 расм ва 2 диаграммаро бо иттилооти оморӣ ва муқоисавӣ дар бар гирифтааст.

**10. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ**

Тахассуси илмии Муҳаммадзода Ҷомӣ Абдураҳмон дар мавзуи «Рушди механизми ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об (дар заминаи маводҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт ( 5.2.21 –Иқтисодиёти ҷаҳонӣ) пешниҳод гардидааст, мутобиқат мекунад.

**11. Хулоса оид ба мутобиқати диссертатсия ба меъёрҳои муқарраргардида**

Диссертатсияи тақризшаванда мутобиқ ба муқаррароти бандҳои дахлдори "Низомномаи шурои диссертасионӣ" ва "Тартиби додани унвони илмӣ " (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 июни соли 2021, № 267) омода гардида, муқаддима ва бахшҳои он – мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуи илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмет, фарзия, асосҳои назариявию методологӣ, сарчашмаи маълумот ва пойгоҳи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, нуқтаи асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои он, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз руйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссератсия ба таври кофӣ мазмуну муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсияро инъикос менамояд ва асосҳои назариявӣ, илмию амалии корро ба таври мукаммал дар бар мегирад. Ҳамчунин, меъёрҳои муқарраргардидаи кори диссертатсионӣ вобаста ба ҳаҷм, тартиби ба расмият даровардани расмҳо ва ҷадвалҳо, нигориши феҳристи адабиёт ҳангоми навиштани диссертатсия дуруст риоя карда шудаанд.

Диссертатсия ба талаботҳои "Низомномаи шурои диссертасионӣ" ва "Тартиби додани унвони илмӣ" аз 30 июни соли 2021, № 267, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

Кори диссертатсионии Муҳаммадзода Ҷомӣ Абдураҳмон кори мустақилона ба итмомрасондашуда, дорои унсурҳои навгонӣ ва арзишҳои илмию амалӣ мебошад ва барои дар амал тадбиқ намудани натиҷаҳои он барои такмили механизми ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об дар заминаи маводди кишварҳои Осиёи Марказӣ ба манфиати ҷомеа мебошад. Диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ, фаҳмо ва бо риояи талаботи забони давлатӣ, islоҳоти қабулшуда навишта шудаст.

Автореферат ва мақолаҳои чопшудаи довталаб ба мазмуни диссертатсия пурра мувофиқат мекунад. Маводди асосии дифоъ автореферат мебошад, ки ҷанбаҳои асосии мундариҷаи диссертатсияро инъикос менамояд ва талаботҳои мавҷуда дар ин самт пурра риоя гардидаанд.

Тақризро омода намуд, д.и.и., и.в профессор Содиқов Метархон Соқибекович дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон муҳокима карда шуд. Суратҷаласаи кафедра аз санаи 27 марти соли 2026, №8/5.

Натиҷаи овоздиҳӣ: дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони ДДМИТ иштирок доштанд: 10 нафар, аз он ҷумла бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 10 нафар.

Овоз доданд: ҳа – 10 нафар, зид – 0 нафар, бертараф – 0 нафар.

Дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 27 марти соли 2026, протоколи №8/5 баррасӣ ва тасдиқ карда шуд.

**Раиси маҷлис:**
Доктор PhD, дотсент,
мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон — Шарипов С. Б.

**Ташхисгар:**
Доктори илмҳои иқтисодӣ, и.в профессори
кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон — Содиқов М. С.

**Котиби маҷлис:**
Доктор PhD, муаллими калони
кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон — Ақдодова Н. Н.

Имзои Шарипов С.Б., Содиқов М.С. ва Ақдодова Н.Н.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДМИТ — Мирҷамолов М.А.

Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Нахимов 64/4,
Телефон: +992 37 231 0843, E-mail: info@ tgfeu.tj. Сомона: info@tgfeu.tj